**Тақризи**

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Аҳмади Зоҳидҷон дар мавзуи «Таъминоти молиявии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D050900 – Молия**

Аҳмади Зоҳидҷон баъди хатми мактаби миёна соли 2014 ба Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети молия ва қарз дохил шуда, онро соли 2019 бо ихтисоси молия ва қарз (мутахассис) ва дипломи аъло хатм намудааст. Ӯ соли 2019 ба магистратураи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо ихтисоси молия ва суғурта дохил шуда, онро дар соли 2021 бо дипломи аъло хатм намудааст. Аз соли 2021 то инҷониб докторанти PhD кафедраи молия ва суғуртаи факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

Аҳмади Зоҳидҷон аз рӯзҳои аввали таҳсил дар докторантура (PhD) дар фаъолияти илмӣ-таҳқиқотии кафедраи молия ва суғурта иштироки фаъол дошта, дар мавзуи «Таъминоти молиявии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ» таҳқиқот мебарад. Ӯ дар кори конференсияҳои илмӣ-амалии дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва дигар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва илмии кишвар баргузоргардида, инчунин дар конференсияҳои илмӣ-амалии байналмилалӣ дар шаҳрҳои Москва ва Пенза (Федератсияи Россия) бо маърӯзаҳои илмӣ баромад карда, натиҷаҳои таҳқиқоти худро аз озмоиш гузаронида, ба тасвиб расонидааст.

Аҳмади Зоҳидҷон ҳангоми иҷрои кори илмӣ дар интихоб, ҷамъоварӣ ва омӯзиши адабиёти ба мавзуи диссертатсия алоқаманд дараҷаи баланди мустақилиятро нишон дода, дар кори худ усулҳои мантиқӣ, таҳлилӣ, иқтисодию оморӣ, графикӣ, коршиносӣ, истисно, муқоиса ва дигарҳоро истифода кардааст. Ӯ доир ба паҳлуҳои ҷудогонаи мавзуъ ва бахшҳои асосии диссертатсия 8 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонидааст.

Ҳангоми омода намудани диссертатсия докторант саривақт супоришҳои илмии роҳбарро иҷро мекард ва худро ҳамчун таҳқиқотгари масъулиятшинос нишон дода тавонист. Ҳамаи ин ба ӯ имкон дод, то натиҷаҳои илмии бадастомадаро ҳаматарафа таҳлил намуда ва шарҳ диҳад, истифодаи методҳои зарурии таҳқиқотиро дар раванди кори илмӣ мустақилона муайян ва асоснок намояд. Ҳамчунин ӯ ба эродҳо, тавсия ва нишондодҳои роҳбари илмӣ бо таваҷҷуҳи хоса муносибат карда, саъй намудааст, ки мавзуи таҳқиқоти худро ҳамаҷониба омӯхта ва таҳқиқ кунад.

Дисертатсия таҳқиқот ва таҳлили илмӣ-амалии муаллифро дар давраи таҳсил дар докторантура (PhD) доир ба ҷанбаҳои гуногуни назариявию методологии таъминоти молиявии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар яке аз самтҳои афзалиятноки иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон – инфрасохтори сайёҳӣ, таҳқиқи манбаъҳои асосии маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ, инчунин такмили механизми маблағгузориро дар ин бахши муҳими иқтисодиёти миллӣ фаро гирифтааст.

Бояд қайд кард, ки бо вуҷуди имконияти зиёд барои рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи мазкур ҳоло ҳам рушд наёфтааст. Дар мамлакат лоиҳаҳои зиёди сармоягузорӣ барои рушди инфрасохтори сайёҳӣ таҳия карда шудаанд, вале нарасидани манбаъҳои маблағгузорӣ барои амалӣ намудани онҳо монеаҳо эҷод мекунанд. Барои рушди муносиби соҳаи сайёҳӣ пеш аз ҳама инфрасоҳтори қавӣ, ки иншооти соҳаҳои гуногунро дар бар мегиранд, лозим аст. Вале бештари иншооти инфрасохтори сайёҳӣ, ки имрӯз дар мамлакат фаъолият мекунанд, бо сабаби сатҳи баланди фарсудашавии ҷисмонии худ ба талаботи рушди муосири соҳаи сайёҳӣ ҷавобгӯ нестанд. Бинобар ин, имрӯз яке аз масъалаҳои асосӣ барои рушди босуботи соҳаи сайёҳӣ дарёфти манбаъҳои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ ба корхонаҳои инфрасохтори сайёҳӣ мебошад. Барои амалисозии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ механизм ва низоми муносиби таъминоти молиявӣ барои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ зарур аст, ки ин мубрамии мавзуи диссертатсияро тасдиқ мекунад.

Докторанти PhD ҳангоми навиштани диссертатсия асосҳои назариявӣ ва равишҳои методологии таъминоти молиявии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузориро дар сатҳи хуби илмӣ омӯхта, асарҳои илмии олимон ва муҳаққиқони ватанию хориҷиро оид ба механизми маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёт таҳлил карда, ҷиҳатҳои муҳими онҳоро барои амалисозӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ ҷудо намуда, дар таҳқиқоти худ истифода кардааст. Ҳамчунин, ӯ бо таҳлил ва баҳодиҳии вазъи муосири фаъолияти сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон омилҳои рушди маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳиро муайян кардааст. Яке аз ҷиҳатҳои мусбии таҳқиқот пешниҳодҳои муаллиф доир ба имконияти истифодаи механизми маблағгузории лоиҳавӣ ҳангоми татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ мебошад. Ҳамчунин андешаҳои муаллиф дар бораи корбурди механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ ва интихоби амсилаи муносиби маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ барои рушди амалии таъминоти молиявии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ арзишманд мебошанд.

Диссертатсия сохтори мантиқии хуб дошта, мақсад ва вазифаҳои он дуруст тарҳрезӣ шудаанд, бо забони илмии фаҳмо омода гардида, хулоса ва пешниҳодҳои муаллиф илман асоснок карда шудаанд.

Навгонии илмии таҳқиқот дар асоснок кардани ҷанбаҳои назариявию методологӣ ва таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба такмили таъминоти молиявӣ ва рушди механизми маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ ифода меёбад.

Натиҷаҳои таҳқиқот дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ мебошанд. Муқаррароти назариявии дар диссертатсия таҳияшуда метавонанд дар рушди назария ва методологияи маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ саҳми муҳим гузоранд. Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқи манбаъҳои асосии маблағгузорӣ ва масъалаҳои такмили

механизми маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ натиҷаи баррасии таҳқиқоти илмии муаллиф мебошад. Истифодаи муқарраротҳи дар диссертатсия таҳияшуда дар равандҳои таҳия, банақшагирӣ, маблағгузорӣ ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти сармоягузорӣ мусоидат мекунад.

Натиҷаҳои илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия таҳияшуда метавонанд ҳангоми коркард ва такмилдиҳии механизмҳои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ аз ҷониби кормандони Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маъмурияти субъектҳои хоҷагидории инфрасохтори сайёҳӣ барои татбиқ дар фаъолияти сармоягузорӣ ба кор бурда шаванд.

Ҳамин тавр, дар асоси гуфтаҳои боло ҳисоб менамоем, ки Аҳмади Зоҳидҷон вазифаҳо оид ба расидан ба мақсади таҳқиқотро бомуваффақият иҷро кардааст. Диссертатсияи ӯ таҳқиқоти илмии мантиқан баанҷомрасида ва мустақилона иҷрошуда, дорои унсурҳои навгонии илмӣ мебошад.

Сохтор, муҳтаво ва сифати дисертатсияи омоданамудаи Аҳмади Зоҳидҷон дар мавзуи «Таъминоти молиявии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ» ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба омода намудани диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори (PhD), доктор аз рӯи ихтисос ҷавобгӯ буда, барои ҳимоя ва дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D050900 – Молия тавсия дода мешавад.

**Роҳбари илмӣ:**
**доктори илмҳои иқтисодӣ,**
**профессор, декани факултети**
**молиявию иқтисодии**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Иброҳимзода И.Р.**

**Имзои Иброҳимзода И.Р.-ро**
**тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо ва**
**корҳои махсуси ДМТ** **Тавқиев Э.**

21. 06. 2024